АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №1, 2015

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №1, 2015

## ФАЛСАФА

УДК: 32 т. 9 (с) 2 А – 14

ШАЪБОНӢ Х.[1]
ШАЪБОНӢ Б.

# НАҚШИ ХАЛҚИЯТҲО ДАР СОХТОРИ ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Зимни омӯзишу таҳқиқи мавзӯи баррасишаванда асосан асосан ба таъсирпазирии раванди муҳоҷиратҳои қавмиятҳои фарҳангӣ ва нақши онҳо дар масоили фарҳангиву иҷтимоӣ ва чигунагии ҳолату авзои парокандагии равобити рушди маконӣ – ҷисмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дучор меоем. Дар ин росто метавон ба муҳоҷиратҳои иҷборӣ, дарёфти шуғл тавассути даромади, фирор аз муҳоҷироти табиӣ, қаҳтӣ ва хушксолиҳои сарзаминҳо ва гурез аз ҷангу ситезаҳои қавмиву қабилавӣ ва пайдо кардани минтақае зимни ҷиҳати зиндагӣ ишора намуд. Аз маводи омори таҳқиқ бармеояд, ки ва мавриди назари шомили тамоми ақвоми дар ин сарзамине сукунатдошта қабл ва баъд аз замони шаклгирии ҳокимияти феълӣ дар ҳамин макон мустақар шудабуданд ва доир ба ин масъала солномаҳои омории солҳои мухталифи маркази омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, пурсишнома, сайтҳои интернетию кутуб ва мақолоти мухталиф маълумоти хубе додаанд. Ҳамчунин зимни таҷзияву таҳлили онҳо баррасии раванди муҳоҷират ва таъсироти фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ (тавсифӣ-таҳлилӣ) тавассути расмҳову нақшаҳои фарзиёт таҳқиқу исбот шудаанд.

**Калидвожа:** қавмият, фарҳанг, фолклор, хурдафарҳанг, муҳоҷират, тавсеъаи фазоӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, дин, мазҳаб.

Натиҷаҳо ва бозёфтаҳои бадастомада баёнгари асарпазирии комили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз раванди муҳоҷиратҳо ва сохтори фарҳангҳои роиҷбуда дар заминаи фазоӣ- моддаҳои сатҳи мухталиф мебошад, ки ин омил худ натиҷаи омилҳое чун коркардҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва низомии минтақа ба ҳисоб меравад. Эҷоди шуғлҳо ва гуногунӣ дар фаъолиятҳои мухталифи иқтисодӣ натиҷаи коркарди фавқуззикр мебошад.

Фарҳанг, аз назари Эдвард Тайлор, маҷмӯаи печидае аст, ки дарбаргирандаи донишҳо, эътиқодот, ҳунарҳову ахлоқиёт, қонунҳо, одот ва дигар тавоноиҳои инсон аст, ки ӯ ба василаи онҳоҳайсияти иҷтимоӣ кардааст.

Аз назари Ролф Линтон, фарҳанг таркибии фаъолияти мактаб мебошад, ки ба василаи он аъзои ҷомеаи муайян аз насл ба насли дигар интиқол меёбад ва ин хасоис миёни афрод муштарак аст.

[1] **Адрес для корреспонденции:** Халил Шаъбони – соискатель Института философии, политологии и права им. А. Богоуддинова АН Республики Таджикистан. 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки-33.тел: 2213223

Фарҳанг, аз назари Сопир Эдвард иборote аз низоми, рафторҳоест, ки ҷомеа бар афрод таҳмил мекунад ва дар айни ҳол низоми иртиботӣ низ аст, ки онро ҷомеа дар миёни афрод барқарор мекунад [1, 208].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомеаест, ки аст зебо аз гуруҳу халқиятҳои мухталиф таркибёфтааст, ки ҳар яке дорои забон ва одобу русуми хоси худ мебошанд. Ин гуруҳҳои мухталиф солҳост, ки дар камоли ваҳдат ва эҳтироми мутақобил канори якдигар ҳаёт ба ба сар мебаранд ва ҳисси ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ, дину фарҳанги муштарак омили муҳими пайвандёфти онҳо мебошад. Гуногунияти қавмиву миллӣ бо вижагиҳо ва хасоиси мазҳабиашон, дар ин минтақа собиқаи таърихӣ дорад. Дараҷаи таҳаввул ва такомули иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа ба гуногунияти фарҳангҳо ва дар натиҷа тафовутҳои айнӣ ва мазҳабӣ, мардуми он оварда мерасонад. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ақвоми гуногун ташкил шудааст. Воқеан агар дин, забону ҳуввият ва гуногуниҳои фарҳангиро дар робита бо ин ақвом ба назар бигирем, дар ин кишвар беш ба 20 (бист) қавм вуҷуд дорад, ки аз якдигар тафовут мекунанд. Дар ин росто нақши ақвом дар рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақа, аз ҷумла авомили таъсиргузор ва ғайриқобили инкор аст. Ин қавмҳо дар тӯли давраҳои мухталиф ба ин сарзамин муҳоҷират карда, ба ду гуруҳи муҳоҷирин: қабл аз соли 1900 (арабҳо, ҷӯгӣ ё лӯлиҳо, гуруҳе аз ӯзбакҳо, туркҳо ва туркманҳо); муҳоҷирини баъди соли 1900 (қазоқҳо, русҳо, қирғизон, украинҳо, куриёҳо ва тоторҳо) тақсим мешаванд, ки ҳар як бино ба шароити шуғлӣ, хусусиёти фарҳангӣ, вобастагии оилавӣ ва хусусиятҳои иҷтимоӣ дар шаҳрҳо ва рустоҳо сокину ҳамқадам бо бумиён ҳаёти иқтисодии ин сарзаминро ба пешмебаранд дармеоваранд. Ба ин тартиб дар ин таҳқиқу пажӯҳиш ботаваҷҷуҳ ба натиҷаҳои ба даст омада аз он омилҳои асароти муҳоҷират ва қавмиятҳо бо фарҳангҳои хос бар вусъати маконии кишвар мушаххас мешаванд. Натиҷаи ин пажуҳишро метавонанд мардумшиносон ва ҷомеашиносон мавриди истифода қарор диҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масоҳати 143100 киллометри мураббаи рутбаи 95 дар байни кишварҳои ҷаҳон ҳудуди 52/6 киллометри муррабаъ [2, 11]-ро доро мебошад. Ин кишварҳои байни 36 дараҷаву 40 дақиқаву 2 сония то 41 дараҷаву 7 дақиқаву 6 сония паҳнои шимолӣ ва 67 дараҷаву 31 дақиқа то 75 дараҷаву 14 дақиқаву 4 сония дарозоии ховарӣ нисбат ба ним рӯзи Гринвичи Садои озоди қарор озод) ин кишвар аз ҷануб бо Афғонистон, аз бохтар (ғарб) бо Ӯзбакистон, аз шимол бо Қирғизистон ва аз ховар (шарқ) бо Чин ҳамсарҳад аст. Тоҷикистон як кишварест дар хушкӣ, ки дар гузашта роҳи Абрешим аз он убур мекардааст. Бар асоси охирин тақсимоти кишвар, яъне соли 2010 Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои 4 вилоят, 58 ноҳия аҳолиаш 7529600 нафар (73/6 фоиз рустоӣ 26/4 фоиз шаҳрӣ) мебошад, кионҳо дар 17 шаҳру 57 шаҳрак ва беш аз 369 нуқоти рустоӣ маскан гирифтаанд [3 / 28]. Ин кишвар бо бартарияти қавмиятии худ тоҷик (79/9 %), узбак (15/3%), рус (1/1 %), қирғиз (1/1 %), тотор (0/3 %), туркман (0/3 %), украинҳо (0/2 %), қазоқ (0/3 %), арманӣ (0/1%) ва дигарон аз одобу русуми зиёду гуногуннавъ бархурдор мебошад [ 4].

Тоҷикон дар Осиёи Миёна аз замонҳои қадим, ки таърихи он ба беш аз шаш ҳазор сол мерасад, ҳаёт доштаанд. Таърихи тамаддуни мардуми тоҷик бо Суғдиён ва Бохтариён бармегардад, яъне ба он замоне, ки Курӯши Кабир ба Осиёи Миёна омад ва шаҳреро бо номи Курушкада (алъон «Истаравшан») бунёд кард, ки дар шимоли Тоҷикистон қарор дорад.

Аввалин давлати тоҷикон дар соли 899 пас аз мелод, яъне охирҳои асри 9-и мелодӣ дар Бухоро ташкил шуд. Амир Исмоили Сомонӣ фарзанди бузурги мардуми тоҷик буд, ки ҳукумати пурқудратеро дар ҳудуди Хуросони Бузург – Эрон ё ҳамон кишвари Эрони Бузург ташкил дод [5].

Ин минтақа ба далели паҳноиву тафовути аслшиносӣ дар миёни ду кӯҳ – Тиёншон ва Помир қарор дошта аз шароити иқлимии фарққунанда бархурдор аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои обу ҳавомусоиде аст, ки дар он тафовут байни гармои шабу рӯз ва тобистону зимистон характернок аст. Борони он каму осмонаш дар бештари рӯзҳои сол соф аст. Тибқи ҳисоби оморӣ дар соли 2010 то 3165 соат офтоб дорад. Бодҳои маҳаллӣ дар дараҳои ин сарзамин таҳти таъсири ихтилофи баланде ба вуҷуд меоянд ва онҳо бо номи бодҳои кӯҳистонӣ низ маъруф ҳастанд. Дар миёни ин бодҳо муҳимтар аз ҳама боди гарму хушк ё боди гармсер аст, ки дар тобистон ва тирамоҳ дар тамоми дараи Фарғона мевазад. Дар ҷануби Тоҷикистон боди афғонӣ бо хусусияти ҳаммонандии худ шуҳрати маҳаллӣ дорад [6].

Дар ин росто ҳарчи аз шимолу шарқ ба самти ҷанубу ғарбӣ ва ғарб пеш равем, бо афзоиши нисбии борандагиву рутубат ва ҳамчунин афзоиши ҳароратӣ рӯ ба рӯ хоҳем шуд. Аз назари манбаи обӣ ин кишвар дорои дарёҳои бисёре аст. Шумораи дарёҳое, ки тӯли онҳо аз 10 километр бештар мебошад, ба 947 мерасад. Дарёҳои муҳимми он аз Сирдарё (Сайҳун), Омӯдарё (Ҷайҳун), Зарафшон, дарёҳои Панҷ, Мурғоб, Кофарниҳон ва Вахш иборатанд. Дар маҷмӯъ тӯли 947 дарёи Тоҷикистон беш аз 28000 километр аст. Ҳамчунин дар Тоҷикистон 1300 мурдоб (кӯл, ботлоқ) ҷамъан ба масоҳати 805 километри мураббаъ вуҷуд дорад. Бузургтарин ботлоқи кишвар Қарокӯл ном дорад [7. 90] Тоҷикистон ба се минтақа: кӯҳистонӣ, пои кӯҳӣ ва навоҳии пасти ҳамвор (дашт) тақсим мешавад. Дар шимолу шарқ бо 132450 километри мураббаъи вусъат (92/52 %) кулли масоҳат кишварро дар бар мегирад [8].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо табиати нотакрору иқлими мусоиди худ афзалият дошта, ирқӣ, фарҳангӣ ва қавмҳои мухталиф иборат аст, ки ҳар як қавми он дорои забону одоб ва русуми хоси худ буда дар канори ҳам осоишта ҳаёт ба сар мебаранд. Ин сарзамин аз қадим макони омадурафт ва омезиши фарҳангҳои мухталиф будааст. Яке аз хусусиятҳои муҳими ҷамъиятии он гуногуниятии қавмҳо аст.

Акнун дар ин кишвар илова ба миллияти форсизабони тоҷик гуруҳҳои забонии дигар, чун туркҳо (узбакҳо, туркманҳо, қазоқҳо, қирғизҳо, тоторҳо), русҳо, арабҳо ва ғ. дар канори ҳам дар сулҳу сафо зиндагӣ мекунанд. Миллати тоҷик бо 79,9 фоиз, туркҳо бо 17, 3 фоиз бештарини ҷамъиятро дар минтақа доранд ва ҳудуди 2,8 фоиз бақияи ҷамъиятро дигар қавмҳо ташкил медиҳанд.

Парокандагии қавмҳо дар сатҳи ин кишвар аз гуруҳбандиву ва якнавохтии комил бархурдор намебошад, ба ҷуз қавмияти форсизабони тоҷик, ки дар ҳама навоҳӣ маскун мебошанд, ақвоми боқимонда дар навоҳии шарқ, шимолу ҷануби ғарбӣ ва дар доманаҳои ҷануби Помир сокинанд.

Тоҷикҳо бо гӯишҳои мухталиф ҳарф мезананд, ки ба онҳо шеваҳои бадахшӣ, ҳисорӣ, зарафшонӣ, хатлонӣ ва ғайра шомил мебошанд. Форсизабонони муҳоҷир ҷӯгиҳо ё лӯлиҳо ва афғонҳо ҳастанд. Ҷӯгӣ ё лӯлиҳо ном мардумонеанд, ки аз дер боз зиндагии

ҳамроҳ бо кӯч бо саргузашти дардноку шигифтангезро ихтиёр кардаанд; ҷӯгиҳо бо гӯиши хоси худ (тоҷикӣ ва каме бо забони аҷдодӣ) суҳбат мекунанд. Ин мардум ба далели муҳоҷирати таърихӣ ва зиндагӣ бо форсизабонҳои минтақа аз гӯиши худ камтар истифода мекунанд ва эҳтимол меравад дар оянда начандон дур забони худро ба фаромӯшӣ супоранд. Имрӯз ин мардумон алорағми якҷоянишинӣ ва сукунат дар маконҳои мухталифи олам муҳабати ватану меҳан фурӯғи ишқи дургардӣ ҳаргиз дар дилашон хомӯш нашудааст. Ҷӯгиҳо дар миёни миллатҳои ҷаҳон нахустин қавме ҳастанд, ки парокандагии ҷуғрофиёии онҳо беш аз дигар миллатҳои ҷаҳон намоён аст ё ба истилоҳ байналмилалитарин қавм дар ҷаҳон мебошанд. Акнун ин мардум дар беш аз 60 кишвари дунё ба сурати пароканда зиндагӣ мекунанд ва бо 70 номи мухталиф шуҳрат доранд. Ин гуруҳ аз мардум худро рам, яъне одам меноманд ва ин номе аст, ки Созмони милали муттаҳид низ онро интихоб намудааст. Собиқаи таърихии инҳо дар Осиёи Миёна ҳанӯз мушаххас намебошад. Гуруҳе мутақиданд, ки ҳудуди 7000 сол пеш дар соҳили дарёи Сайҳун зиндагӣ мекарданд. Ин мардум дар Тоҷикистон то солҳои 1930 зиндагии кӯчманчигӣ доштанд, аз ин замон ба баъд дар деҳот ва шаҳрҳо сокинанд. Муҳоҷирати ин ақвом ба даврони қабл бармегардад, теъдоди онҳо дар Тоҷикистон каму беш дар вилояти Хатлон ва Душанбе пароканда мебошанд. Дар дунё теъдоди онҳоро аз 6 то 12 миллион зикр кардаанд. Дар Тоҷикистон ба ҷуз минтақаи Бадахшон дар дигар навоҳӣ ба сурати пароканда ва бештар дар навоҳии Қурғонтеппа, Ҳисор ва Душанбе зиндагӣ мекунанд [2, 27-40]. Дигар форсизабонони муҳоҷир афғонҳо мебошанд, ки дар Тоҷикистон бисёр кам ҳастанд ва бештар дар навоҳии ҷанубӣ зиндагӣ мекунанд.

Ӯзбекҳо, туркманҳо, қирғизҳо, тоторҳо, уйғурҳо ва қазоқҳо туркзабон ҳастанд [5], ки ба таври пароканда дар ин кишвар сокин мебошанд. Дар байни туркҳо узбекҳо бузургтарин ва пурҷамъияттарин қавм дар кишвари Тоҷикистон мебошад [15, 3%]. Аксарияти ҷамъияти ин қавм дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд сокинанд, дигар туркҳо тукманҳо ҳастанд. Туркманҳо низ аз туркҳои муҳоҷир мебошанд, ки дар ноҳияи Ҷиликӯл ва Шаҳритуси вилояти Хатлон ва Рӯдакӣ аз ноҳияҳои тобеъи марказ пароканда мебошанд (0,3%). Ҷиликӯл ва Шаҳритус бо 99,4 % бештарин ва ноҳияи Рӯдакӣ бо ҳудуди 0,6 % камтарин қавмияти туркро дар минтақа доранд. Дар гузашта туркманҳои ин минтақа монанди дигар туркманҳо зиндагии кӯчманчӣ ва нимкӯчманчгӣ доштанд. Онҳо аз минтақаи Туркманистон қариб ба 400 сол пеш аз масири рӯди Сайҳун ба ин минтақа омаданд. Тоторҳо низ аз турконанд, ки бештар дар навоҳии шарқии ин кишвар зиндагӣ мекунанд. Теъдоди онҳо хеле кам аст.

Муҳоҷирати қавмҳои дигар ба ин кишварро низ метавон ба ду марҳилаи замонӣ, пеш аз соли 1900 ва пас аз соли 1900 тақсим намуд. Аз муҳоҷирони пеш аз соли 1900 метавон ба ҷӯгиҳо ё лӯлиҳо, арабҳо ва бахше аз туркманҳо ишора намуд. Ин муҳоҷирони таърихӣ монанди ҷӯгиҳо (лӯлиҳо), ки зиндагии ба кӯчу давргардӣ устувор буд, дар натиҷаи зиндагии сахти кӯчнишинӣ, даргириҳои қавмӣ, шароити сиёсӣ, вазъияти муносиби кишоварзии ин минтақа, эҷоди амният ва инчунин ваҳдату инсиҷоми (якдилӣ) исломӣ дар байни ҳамаи қишрҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷонишиниро ихтиёр карданд ва имрӯз дар деҳот ва шаҳрҳои минтақаҳои форснишин сокин мебошанд.

Ин минтақа ботаваҷҷуҳ ба мавқеъияти хоси ҷуғрофӣ ва иқтисодияш аз гузаштаи дур мавриди таваҷҷуҳи гурӯҳҳои мухталифи қавми муҳоҷир будааст. Дар замонҳои мухталиф аз солҳои 1900 ба баъд туркҳо ва теъдоди ками русу арманӣ барои мақсадҳои сиёсӣ ва иқтисодии аз нуқтаҳои ҷумҳуриҳои пешинаи Россия ба ин кишвар кӯчонида шудаанд. Сохтори иҷтимоии ҷомеаи деҳотӣ ва шаҳрии кишвари Тоҷикистон тайи солҳои 1920 то кунун дастхуши тағйирот ва дигаргуниҳои зиёде қарор гирифтааст.

Шеваҳои зиндагии мардумон олгуҳои фарҳангии ин тағйирот дар сатҳҳои гуногуни ҷомеаи деҳотӣ ва шаҳрӣ дар заминаҳои мухталиф мушоҳида мешавад. Дар даврони ҳокимияти сотсиалистӣ ҷомеаи деҳот ба таври куллӣ аз ду табақаи иҷтимоӣ, Совхоз ва Колхоз ташкил мешуд. Дар ин ташкил низоми иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат ҳукмфармои ҷомеа буд ва дар раъси ҳарами қудрат ҷой дошт ва раъият таҳти фармон ва қоидаи ҳарами қудрат қарор мегирифт.

Бо дигаргуниҳо ва тағйирот дар низоми моликият ва системаи баҳрабардорӣ аз замин бахши кишоварзӣ аз тариқи системаи сотсиалистӣ вусъат ва густариш ёфт. Равобит ва муносиботи арбоби раъиятӣ гузашт, дар ҷиҳати равобит ва муносибот навъи дигар аз моликият (сотсиалистӣ) қарор гирифт. Бо механизатсия шудани кишоварзӣ ва тағйир дар навъҳои давлатӣ бо равиши нав ва усули кишти тавлиди саноати хурд, вобаста ба кишоварзӣ ва ҳамчунин ширкати кишоварзӣ яке пас аз дигаре падид омаданд. Бо гузаштан аз кишти суннатӣ ба кишти саноатӣ ва тағйир дар низоми иқтисодӣ ва иваз шудани ҷомеаи сотсиалистӣ ба ҷои ҷомеаи феодалӣ сохтори ҷомеа ҳам тағйир кард. Ин тағйирот хусусан дар вилояти Хатлон бештар мушоҳида мешуд. Бо тағйири тарҳи кишт ва вуъсат ёфтани заминҳои кишоварзӣ дар деҳоти минтақа ниёз ба қувваи кории бештареро талаб мекард, чаро ки баъзе аз маҳсулоти кишоварзӣ, монанди кишти пунба ва гандум ниёзманди қувваи кории зиёд мебошад, аз тарафи дигар дар баъзе аз минтақаҳои кӯҳистон бекорӣ теъдоди зиёде аз мозоди бахши кишоварзӣ густариш наёфтани омилҳо, аз қабили рукуди иқтисодӣ, хадамотӣ аз деҳот, хушксолӣ ва селобҳои пай дар пай ва бурузи пораи муносиби зерсохтҳое аз хатарҳои табиӣ, монанди зилзила дар баъзе минтақаҳо аз як сӯ ба вуҷуди заминаҳои кишоварзӣ ихтиёран машғул ва даромади нисбии беҳтар дар даштҳои ҳамвор бар шиддати муҳоҷирҳо дар даҳҳаи 1920 то кунун доман задааст. Илова бар ин, теъдоде аз муҳоҷирон маҷбуран (русҳо, арманҳо, узбакҳо ва ғ.) аз дигар кишварҳо ба ин кишвар кӯчонида шудаанд. Чунонки аз соли 1940 то кунун наздик ба ниме аз ҷамъияти минтақаи Хатлонро муҳоҷирон ташкил медиҳанд. Ин раванди муҳоҷират пайомадҳои бисёре бар мабда ва мақсадҳои муҳоҷирон дар пай доштааст. Ба таври мисол бо холӣ шудани бисёре аз деҳот аз сокинон ба ақибмонӣ кашида шудани ҷамъияти боқимондаи деҳаҳо, рушди берӯяи ҷамъият аз соли 1940 то кунун ноҳинҷориҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар шаҳрҳо, пайдо шудани машғулиятҳои нав ва тағйир дар корҳо, вусъат ва густариши шаҳрнишинӣ ва пайдоиши шаҳрҳои ҷадид низ ишора намуд, бо тавсеаи шаҳрӣ, вобастагии деҳот ба шаҳр ҳар рӯз бештар аз гузашта мушоҳида мешуд. Коркард ё нақши шаҳрҳо дар дохили ноҳия ва муносиботи байни ноҳиявӣ хеле бештар аз гузашта мушоҳида мешуд. Сохтори иҷтимоии ҷомеаи деҳоти Тоҷикистон таи 50 соли охир дастхуши тағйирот ва дигаргуниҳои зиёде қарор гирифтааст. Ин тағйирот дар сатҳҳои мухталифи ҷомеаи деҳотӣ, тарҳҳои фарҳангӣ, адабиёт, тарзи зиндагӣ дар заминаҳои мухталиф мушоҳида мешавад.

**Чаҳор тақсимбандии гуруҳҳо ва қавмҳои муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дину мазҳаб**

**тоҷикҳо**

**туркманҳо**

**арабҳо**

**Тақсимоти қавм бар асоси дин** — **Ислом** — **Мазҳаби аҳли суннат**

**туркҳо (узбакҳо, тоторҳо)**

**ҷӯгиҳо (лӯлиҳо)**

**Масеҳӣ**: **русҳо**, **арманҳо**

**Мазҳаби шиъа**: **шиъаи Исмоилӣ**, **шиъаи Исонашарӣ**








**Адабиёт:**


1-Фукӯҳӣ Носир. Таърихандешӣ ва назарияҳои инсоншиносӣ. Теҳрон; Най, 1388. -466 с.

2-Солномаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2010. –С. 11.

3-farhangenaghz.persianblog.ir/ 2012

4-www.meteo.fr/test/gratuit/wwis/110/m110.htm 2012

5-http://toho.persianblog.ir/post2012

6 - fa.wikipedia.org/2012,

7- Тоҷикистон аз маҳвора, акс. Jpg (Tajikistan satellite photo. Jpg) Сайти Википедияи Донишномаи озод

8- Хадамоти ҷаҳонии иттилооти обу ҳаво; Тоҷикистон (World weather information servise; Tajikistant)
9 -Холназар Мухаббатов. Сарзамини қуллаҳои барфпӯш // Фаслномаи «Пайванд», шумораи 4, тобистони 2001. -90 с.
11 - Афшор Систонии Эраҷ. Куллиёт. – Теҳрон: Равзана, 1377. -380 с.

**ШАЪБОНИ Х.**
**ШАЪБОНИ Б.**

## РОЛЬ НАРОДНОСТЕЙ В СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНОЙ СТРУКТУРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

На основе изучения социально-культурной структуры, в данной статье рассматривается пространственно-форменная структура региона вследствие миграций племен, их влияние на культурно-социальные аспекты и особенности их расселения в регионе. В исследовании рассмотрены влияние миграции и культуры на пространственно-форменную широту Республики Таджикистан. В этой связи можно указать на вынужденную миграцию, поиска работы и заработка, миграцию из-за природных катаклизмов, голода и засухи в покидаемых территориях, родовые и племенные конфликты. Объектом исследования являются все племена, заселившиеся в этом регионе, до и после формирования нынешней власти. Инструменты сбора информации включают статистические ежегодники разных лет Статистического центра Республики Таджикистан, вопросник, интернетовские сайты, исследовательские работы. Кроме того, проанализированы миграционные процессы, культурные, экономические и социальные (описательно-аналитические) процессы, составлены таблицы и даны ответы на предложенные исследовательские гипотезы. Полученные результаты показывают полную уязвимость Республики Таджикистан перед миграционными процессами и влиянием доминирующих культур в пространственно-форменных аспектах на различном уровне, что является причиной возникновения таких факторов, как экономические, социальные, культурные и военные функции региона. Создание рабочих мест и разнообразие различных видов экономической деятельности считается из числа вышеперечисленных функций способствует консолидации общества в стране.

**Ключевые слова:** племя, структура, Республика Таджикистан, миграция, деятельность

**SHABANI KH.**
**SHABANI B.**

## ETHNIC, SOCIAL AND CULTURAL STRUCTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The subject of this study is about the impact of social structure and cultural effects of the physical process of ethnic and cultural migration pattern on socio-cultural issues and how they are scattered in the country.This study emphasizes on the dependence theory which is the effect of migrationand culture on spatial – physicaldevelopment in Republic of Tajikistan.

In this context, migrants are forced to find a job with higher wages and are escaping from natural hazards such as drought and famine and tribal wars in order to find a safe area to reside in.

The research of the population of this study consists of allresident tribes in this land who have been deployed before and after the current formed government.

Collecting information tools for this study are statistical yearbooks from different statistics center of the republic of Tajikistan, questionnaire, satellite images, air photos and different articles and books.By analyzing and studying of the trends and process ofmigrationand its cultural, economic and social effects, the assumptions of this investigation have been proved.

Achieved results indicates that the republic of Tajikistan has been affected by these migrations' trends, ruling culture and subcultures' dimensions in different levels of the society which is partly because of different Functions such as economic, social, cultural, tourism, university and its strategic location. Employment, variety of different economic activities, and improvement of the service sector is theeffect of the above-mentioned functions.

**Keywords:** ethnicity, culture, folklore, subculture, migration, social atmosphere and its improvement.